ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 13 нафар иштирок дошт, ки аз ин 4 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 13 нафар, «зид» __ нест, «бюллетенҳои беэътибор» - нест, «бюллетенҳои тақсимнашуда» - 2 адад

Баромади Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», баромади муқарризони расмӣ **Шафоатов Азал Нусратович** доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймумин Раҳимов;**Туйғунов Носир Ҳақбердиевич** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои романию германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода; ва тақризи муассисаи пешбарро шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Ғафорова Таҳмина Сатторовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. 1. Диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и "Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ(дотсент, профессор)", ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Ғафорова Таҳмина Сатторовна дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ғафорова Таҳмина Сатторовна дипломи дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавиро диҳад.

Касе тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоем овоз диҳад.

**Зид-нест. Бетараф-нест.** Якдилона қабул шуд.

Иҷозат диҳед, Ғафорова Таҳмина Сатторовнаро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз номи худам, раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва шурои диссертатсионӣ самимона табрик намоям.

Ба роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор Мухторов Зайнидин Мухторович ки дар самти тайёр намудани мутахассисони илми забоншиносӣ ва муҳаққиқон заҳмат мекашанд, як ҷаҳон сипос баён мекунам.

Ба муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар, муқарризони ғайрирасмӣ барои пешниҳоди тақризҳои мусбат ва ҳамкориҳои судманди илмӣ бо шурои диссертатсионӣ, ташаккури бепоён баён менамоям.

Ба ҳамаи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, ки бо ҳузури худ, пешниҳоди саволҳо ва муҳокимаю андешаҳои муфиди худ дар кори имрӯзаи ҷаласа иштирок намуда, ба диссертант маслиҳатҳои олимона доданд, изҳори ташаккуру сипос менамоям. Ба ҳамаи меҳмонон ва ҳозирини гиромӣ низ ташаккур.

Раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.ф., профессор Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Каримова Д. Н.
18.12.2023с.